## Шарҳи моҳонаи таваррум • Январи 2023

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи январи соли 2023 ба 0,5 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта бетағйир мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда болоравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби афзоиш ёфтани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,5 фоиз (саҳм дар таваррум 0,3 б.ф.), молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,9 фоиз (0,2 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,1 фоиз (бо саҳми ночиз) ба амал омад.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ асосан болоравии нархи биринҷ 5,6 фоиз, гӯшти гов 1,4 фоиз, шир 3,6 фоиз, себ 10,0 фоиз, ангур 0,8 фоиз, картошка 2,9 фоиз, пиёз 31,6 фоиз, бодиринг 1,2 фоиз, помидор 2,1 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд. Болоравии онҳо бештар дар натиҷаи таъсири омилҳои мавсимӣ ба амал омад.

Дар баробари ин, арзоншавии нархи баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нархи нархи орди навъи якум 7,1 фоиз, равғани пахта 1,4 фоиз, равғани офтобпараст 2,3 фоиз, шакар 3,9 фоиз ва ғайра ба назар расид.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, бинобар таъсири омилҳои мавсимӣ ва ба ин восила зиёд шудани талабот афзоиши нархи ангишт 9,4 фоиз, маводи шустушӯй 2,4 фоиз, доруворӣ 0,9 фоиз, либос ва пойафзол 0,5 фоиз мушоҳида гардид.

Арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ дар моҳи январи соли 2023 тамоюли болоравӣ дошта, асосан аз ҳисоби қиматшавии нархи хизматрасонии нақлиётӣ 1,7 фоиз ва маориф 0,4 ба вуқуъ пайваст.

**Сатҳи таварруми солона дар моҳи январи соли 2023 ба 4,3 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,5 банди фоизӣ кам мебошад.**

Сатҳи таварруми солона дар ин давра дар кишварҳои шарикони савдо минтақа, аз ҷумла Туркия 57,7 фоиз,

**Таварруми моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи орди навъи якум ва шакар (бо фоиз, моҳона)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Қазоқистон 20,7 фоиз, Қирғизистон 15,3 фоиз, Ӯзбекистон 12,2 фоиз, Белорус 12,0 фоиз, Россия 11,8 фоиз, Гурҷистон 9,4 фоиз ва Арманистон 8,1 фоизро ташкил менамоянд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи январи соли ҷорӣ 0,3 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад, ба 2,9 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (январ с. 2023) | Таварруми солона (январ с.2023) |
|---|---|---|
| Туркия | 6,7 | 57,7 |
| Қирғизистон | 1,5 | 15,3 |
| Арманистон | 1,4 | 8,1 |
| Қазоқистон | 1,1 | 20,7 |
| Ӯзбекистон | 0,8 | 12,2 |
| Белорус | 0,8 | 12,0 |
| Россия | 0,8 | 11,8 |
| Гурҷистон | 0,8 | 9,4 |
| **Тоҷикистон** | **0,5** | **4,3** |

**Таварруми аслии солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)*

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | | | | | | | 2023 | Январ тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **8,0** | **7,8** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **5,2** | **4,5** | **4,2** | **4,3** | **0,5** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **7,5** | **6,8** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **6,1** | **5,7** | **5,2** | **5,3** | **0,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,8 | 4,0 | 4,8 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 7,8 | 7,3 | 4,7 | 2,5 | -1,9 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 3,2 | -7,5 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 3,3 | 7,4 | 9,1 | 15,9 | 5,6 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 16,4 | 8,0 | 8,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 10,5 | 8,3 | 2,8 | -4,8 | -7,1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 5,7 | 15,1 | 15,3 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -3,3 | -3,1 | -0,8 | 0,0 | 0,9 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 14,9 | 15,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -9,6 | -8,4 | -4,8 | -3,6 | 1,4 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | 18,9 | -14,4 | -24,0 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 25,1 | 41,0 | 43,1 | 48,3 | -5,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 4,3 | 8,9 | 7,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,1 | 26,1 | 25,4 | 28,8 | 1,6 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 5,6 | 4,3 | 4,0 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 14,5 | 16,1 | 20,4 | 23,2 | 3,6 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 20,8 | 20,5 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -6,5 | -8,6 | -10,6 | -11,3 | -1,3 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 4,7 | -6,7 | -6,6 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -5,5 | -6,7 | -6,9 | -5,8 | 2,6 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 5,8 | 16,4 | 11,6 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 14,4 | 10,6 | 12,1 | 14,8 | 6,0 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | 40,8 | 4,4 | 4,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 10,0 | 5,8 | 6,2 | 2,0 | -3,9 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -2,2 | -0,7 | 0,6 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,5 | 14,5 | 14,0 | 13,4 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **4,9** | **4,9** | **5,5** | **6,0** | **0,4** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **5,0** | **5,8** | **5,7** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **5,5** | **5,5** | **2,9** | **2,8** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,8** | **7,5** | **7,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,8** | **3,8** | **3,9** | **4,1** | **0,9** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,5 | 2,8 | 3,2 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 2,0 | 3,0 | 4,0 | 4,1 | 0,5 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 8,0 | 8,0 | 6,8 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 7,5 | 7,2 | 3,8 | 4,2 | 0,5 |
| Маводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 10,1 | 4,6 | 5,2 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 17,2 | 22,1 | 22,6 | 24,9 | 2,4 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 7,8 | -0,7 | 4,2 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 10,1 | 10,0 | 11,2 | 7,0 | 0,9 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | -6,1 | 63,0 | 54,6 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -8,2 | -15,0 | -21,2 | -25,1 | -6,0 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | 14,8 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -5,2 | -5,4 | -1,7 | 3,1 | 4,9 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | 3,2 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 8,8 | 3,7 | 4,1 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,3 | 5,7 | 5,4 | 5,3 | 0,3 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,0** | **11,3** | **11,5** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **5,0** | **2,4** | **2,0** | **1,9** | **0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 1,8 | 13,1 | 13,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 5,4 | 5,8 | 4,4 | 3,2 | -1,1 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 6,0 | -1,1 | -0,9 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 5,4 | 7,0 | 7,0 | 8,0 | 1,2 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 4,0 | 66,1 | 66,6 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -21,0 | -20,8 | -29,6 | -46,8 | -24,2 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | 3,0 | 22,4 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | 8,9 | -1,1 | -1,2 | 0,5 | 1,7 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 9,0 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 9,3 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 0,4 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 0,4 | 0,1 | 0,3 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 2,0 | 1,9 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 6,7 | 1,7 | 2,8 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 3,8 | 3,8 | 5,0 | 3,9 | 0,6 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо